Тақризи

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ – иҷтимоӣ)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ

Солҳои охир ҷомеаи ҷаҳонӣ ва давлатҳои алоҳида ба тадқиқи ифротгароии динӣ диққати махсус равона кардаанд, зеро ки тахти таъсири омилҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ зуҳуроти ифротгароии динӣ дар ҷаҳони муосир зиёд гардидааст. Дар ҷомеаи имрузаи тоҷикистонӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, ифротгароии динӣ ба душвории бузурги иҷтимоӣ табдил ёфтааст, ки ба аксарияти ҷанбаҳои рушди давлатдории муосири тоҷикон таъсири манфӣ мерасонад. Дар диссертатсияи мазкур кушиш ба харҷ дода шудааст, ки ҷанбаҳои мухталифи пайдоиши ифротагроии динӣ аз диди фалсафӣ-иҷтимоӣ таҳлил гардад. Таъкиди диссертант дар мавриди он, ки ифротгароии динӣ дар ҷидду ҷаҳди ниҳоии динӣ баҳри халалдор намудани низоми ҷамъиятӣ, маҷмуи муносибатҳои иҷтимоӣ, халалдор сохтани шаклгирии мафкураи солими миллӣ ва эҳёгарӣ, дар бунёди барқасдонаи моҷароҳо дар муносибати миёни диндорон дар дохили мазҳаб зоҳир мегардад, шаҳодати муҳимияти мавзуи диссертатсионӣ мебошад.

Диссертатсияи Муллоботур М дар самти мавзуи таҳқиқшаванда саривақтӣ ва дорои арзиши баланди илмию амалӣ буда, муҳтавои диссертатсия ба номи мавзӯъ ва ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ мутобиқат мекунад. Диссертант тавонистааст, ки дар доираи талаботи мавҷуда ва тавассути методологияи илмӣ мавзуъ, объект ва предмети мавзуъро таҳқиқ намуда, ҳадаф ва вазифаҳоро мушахасс намудааст. Ҳамин аст, ки чор мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намуда ва панҷ маводи дар

конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ интишорнамудаи диссертант мазмуну моҳияти диссертатсияро ифода намуда, ба талаботҳои мавҷуда мувофиқат мекунад.

Дар баробари ин навгониҳои кори диссертатсионӣ бо нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва натиҷаҳои он мувофиқ мебошанд.

**Саҳми шахсии диссертант** дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки ба воситаи асосҳои назариявию методологӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи маводҳои мавҷуда, таҳқиқоти диссертатсиониро асоснок кардааст. Дар ҳамин замина метавон қайд намуд, ки хулосаҳои муаллиф метавонанд ба омӯзиши дақиқи назариявии равандҳои ҷамъиятиву иҷтимоӣ, ифротгароии динӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ муосидат намоянд.

Бо назардошти дастовардҳои муҳими ба дастомада, ҳамчун роҳбари илмӣ қайд менамоям, ки диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ – иҷтимоӣ)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ кори илмии мустақилона ва анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба меъёрҳои “Низомнома оид ба тартиб додани дараҷа ва унвони илмӣ”-ӣ Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгуй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои фалсафа, профессор Н.Д.Маҳмадизода

Имзои Н.Д Маҳмадизодаро тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Э.Ш.Тавқиев

15.06.23